**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ). – Душанбе, 2023. – 173саҳ.**

Дар замони соҳибистиқлолӣ, таваҷҷуҳи аҳли илм, ба хусус илми адабиётшиносии тоҷик ба таҳқиқи масъалаҳои мубрам бештар гардидааст, ки он ҳам бошад, омӯзиши адабиёти араб мебошад. Дар ин замина, аз ҷониби аҳли илм тадқиқотҳои судманд анҷом меёбанд, ки ҳар яке аз онҳо дар таҳқиқу баррасии мушкилиҳои илми адабиётшиносии тоҷик, ба хусус адабиёти татбиқӣ мавқеи хосса доранд.

Омӯзиши робитаҳои адабӣ яке аз муҳимтарин вазоифи илми робиташиносӣ ба шумор рафта, пажуҳишҳои мазкури адабӣ бо вуҷуди хусусиятҳои хоссашон ҷиҳатҳои умумии пурқуввате низ доранд, ки барои муайян намудани шаклҳои равобити адабӣ ва зуҳурёбии онҳо нақши ҷиддӣ мебозанд.

Робитаҳои адабии тоҷику арабҳо таърихи қадима дошта, бисёр густурда ва доманадор мебошад. Диссертатсияи номзадии Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи **«Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём»** ба ҳамин масъалаи муҳимми адабиётшиносӣ бахшида шудааст.

Илё ибни Зоҳир Абумозӣ соли 1889 дар қисмати шимолии Лубнон чойгир аст, ба дунё омада, яке аз машҳуртарин шоирони мактаби адабии «Маҳҷар» буда, дар ибтидои қарни 20 ба ҳисоб меравад. Қисмати аъзами мероси адабии Илё ибни Зоҳир Абумозӣ дар васфи Ватан, Модар, дӯст доштани сарзаминҳои ниёгон ва фалсафаи ҳаёт мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва даҳ фаслу хулоса иборат буда, ҳамчунин дар охир ба таври алоҳида тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ оварда шудааст. Ба ин тартиб, банду баст ва таркиби рисола барои таҳқиқи муфассал ва амиқи илмии мавзуъ мусоидат намуда, имкон додааст, ки муаллифи рисола дар ҳар боби

алоҳида ва дар охир ба таври ҷамъбаст ҷанбаҳои назарӣ ва амалии мавзуъро баррасӣ намуда, ба хулосаҳои муҳим ва қобили эътимод бирасад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва дар тавсифи умумии таҳқиқ бошад, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавзеҳ дода шудааст, ки аз маҷмуи ин маврид, омодагӣ, огоҳӣ ва мутолиаи кофии муаллифи рисола барои таҳқиқу таҳлили мавзуи интихобшуда ва танзими дурусти илмиву назарии ӯ дар анҷоми ин таҳқиқот маълум мегардад.

Боби аввали диссертатсия «**Рӯзгор ва осори Илё Абумозӣ**» унвон гирифта, аз чор фасл иборат аст. Фасли аввали боби якум **«Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-адабии замони зиндагии Илё Абумозӣ»** ном гирифта, муаллиф дар ин фасл муҳимтарин ангезеҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии замони зиндагии Илё Абумозӣ аз ҷумла, вазъи ногувории иқтисодиву сиёсӣ, озодиталабӣ ва раҳоӣ аз асорати истилогарон, таъсиси муассисаҳои таълимии амрикоиву аврупоӣ ва муҳоҷиррат тавассути роҳи обиро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Муҳаққиқ омилҳои ба саҳани адабиёт ворид гардидани Илё Абумрозиро ба мавзуъҳои иҷтимоӣ ва фалсафаи Шарқ, аз ҷумлаи рубоиёти Умари Хаём хос арзёбӣ кардааст (Диссертатсия, с. 19-20).

Фасли дуюми боб **«Нақши адибони «Маҳҷар» ва Илё Абумозӣ ҳамчун намояндаи барҷастаи он дар густариши адабиёти араб»** ном гирифта, муҳаққиқ дар ин фасл тамоми паҳлуҳои ҷараёнҳои сиёсиву

иҷтимоии мактаби адабии «Маҳҷар» ва намояндагони барҷастаи он Аҳмад Шавқӣ, Халил Мутрон, Ҳофиз Иброҳим, Фавзӣ Маълуф, Илё Абумозӣ, Ҷуброн Халил, Амин Райҳон, Михаил Нуайма, Рашид Салим, Илёс Фарҳотро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Муаллиф маводҳои гуногуни дар бобати адибони «Махҷар» ва нақши онҳо дар густариши адабиёти араб овардашударо таҳлилу муқоиса карда, зикр менамояд, ки онҳо адабиёти суннатии арабро бо навовариҳои адабиёти аврупоӣ махлут карда, бисёр андешаҳо, навъҳои адабӣ, аз қабили ҳикоят, повест, новелла, драма, роман ва шеъри сафеду шеъри озодро ба адабиёти араб интиҷол доданд, ки афкори пешқадами замон вориди он шуд. Бинобар ин, дар таҳаввули фикрии мардуми араб, аз ҷумла таъсири намояндагони мактабии адабии «Маҳҷар» ниҳоят баланд аст. Ин мактаби адабӣ барои ба вуҷуд омадани «Адабиёти маҳҷар» (адабиёти давраи ҳиҷрат) асос гузошт, ки як бахши таркибии адабиёти араб дар ин давра ба ҳисоб меравад (Диссертатсия, 22).

Фасли сеюми боби якум **«Зиндагиномаи ва мероси адабии Илё Абумозӣ»** унвон гирифта, муаллиф дар ин фасл бо истифода аз сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ва асарҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ тамоми паҳлуҳои зиндагӣ ва фаъолияти Илё Абумозиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Муаллиф маводҳои гуногуни дар бобати аслу насаби шоир аз қабили Афиф Нойф Ҳатум, Амир Фараҳноқӣ, Исо Ан-Нурорӣ ва ғайра овардашударо таҳлилу муқоиса карда, санаи таваллуд ва вафоти ӯро 1889-1957 муайян намудааст. Дисертант паҳлуҳои гуногуни адабии Илё Абумозиро омухта, «Тазкор ал-Мозӣ», «Девон аҷ-ҷузъ-ус-сонӣ», «Ал-Ҷадовил», «Ал-Хамоил»- ро аз мероси гаронбаҳои шоир медонад ва зикр мекунад, ки қасидаҳои «Ал-Улиқату», «Ана», «Ал-Ятим», «Ал-Каманҷа», «Ал-Маса», «Фӣ-л-қафаз», «Ат-Тин», «Таоло», «Ас-Сиҷнияту» ва «Талосим»-и девони «Ал-Ҷадовил» ба шоир шуҳрати беандоза овардаанд (Диссертатсия, 44,45).

Фасли чоруми боби якум ба **«Мавзуъҳои асосии ашъори шоир ва мавқеи андешаҳои ичтимоӣ дар он»** бахшида шуда, муаллиф паҳлуҳои гуногуни ашъори Илё Абумозиро таҳлил намуда, тибқи сарчашмаҳо ба ҳафт қисмат чудо кардааст: ватандӯстӣ; таваччуҳ ба сарзамини араб (хусусан, ба Фаластин); озодихоҳӣ; мубориза бар зидди зулму ситам; хушбинӣ ва орзую умеди нек ба зиндагонӣ; пуштибонӣ аз ҳуқуқҳои мардум, хусусан мардуми араб ва гароиш ба масъалаҳои ичтимоӣ. Сайфуллоев Муслиҳиддин дар охири фасл шеъри ичтимоии Илё Абумозиро саршор аз ғаму ғусса, торикиву равшанӣ ва ноумедиву орзу дониста менависад: Аз ашъори ичтимоии шоир бармеояд, ки худаш қаҳрамони асосии онҳост, зеро бисёр сахтиҳои замонаро дар зиндагии худ эҳсос карда, онҳоро сарбаландона пушти сар кардааст. Ӯ дар шеъри ичтимоӣ, чи тавре ки худаш баён мекунад, шикояти як шахс, як мардум не, балки тамоми чомеаи башарро дар назар дорад. Ҳатто метавон гуфт, ки шеъри ичтимоии шоир дарбаргирандаи ҳодисаи як чавони бечора, як пирамарди залил, як фақири нодор ва як шахси сарватманд мебошад. Ин ҳама мазмунро танҳо аз ашъори Илё Абумозӣ дарёфтан мумкин аст (Диссертатсия, 68).

Мавзуъбандии боб, масъалагузориҳо, ҳалли масоил ва натичагириҳои боби мазкур мувофиқи мақсад аст. Муҳаққиқ ҳар як бобро бо далелҳо мушаххас намудааст, ки ин яке аз сифатҳои хуби кори илмӣ ба ҳисоб меравад.

Дар боби дуюми диссертатсия «**Таъсири рубоиёти Умари Хайём ба адабиёти муосири араб ва эчодиёти Илё Абумозӣ**» мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф баррасии омӯзиши рубоиёти Умари Хайём дар кишварҳои арабӣ ва инъикоси маоинии рубоияти ӯро бар қасидаи «Талосим»-и Илё Абумозӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Диссертант эчодиёти Умари Хайём бо забони арабиро хеле пурбору бовусъат маънидод намуда, зикр менамояд, ки шояд дар чаҳони муосири араб ҳеч шоире ба андозаи Умари Хайём мавриди иноят қарор нагирифта бошад, ҳатто метавон гуфт, ки арабҳои муосир бештар аз шоирони классикии

худ мутаваҷҷеҳи Умари Хайём ва рубоиёти ӯ шудаанд. Ҳамчунин, зимни таҳқиқ адабиётшиносии муосири араб китобхонаи Умари Хайём зиёда аз 300 адад таълифоту таҳқиқотро дар бораи Умари Хайём ва рубоиёти ӯ дар бар мегирад ва тӯли 100 соли охир таъсири рубоиёти Умари Хайём ба эҷодиёти адибони араб ба маротиб афзуд. Илё Абумозӣ, Маъруф Русофӣ, Ҷамил Садақӣ Аз-Заҳавӣ, Искандар Маълуф, Амин Маълуф аз ҷумлаи онон ба шумор меравад, ки аз Умари Хайём таъсирпазир гаштаанд.

Ба андешаи диссертант, Илё Абумозӣ дар масъалаҳои маргу зиндагӣ, муаммои ҳастӣ, лаззат бурдан аз зиндагӣ, хушбинӣ ва хушгузарони умр, ки дар ашъораш ба мушоҳида мерасанд, ба рубоиёти Умари Хайём пайравӣ кардааст. Умари Хайём ва Илё Абумозӣ дар мавзуъҳои шакку ҳайрат, маргу нестӣ, зиндагии пучу зудгузар, ғанимат шумурдани ҳар дам аз зиндагиву умр ва бознагаштани дубора ба ин дунё муштарак буда, дувумӣ аз аввалӣ таъсир пазируфтааст (Диссертатсия, 85-86).

Дар диссертатсия муайян гардидааст, ки Масъалаҳое, ки шоири араб дар мавриди муаммои ҳастиву нестӣ ва маю маъшуқа, бевафоии дунё, омадану рафтан, ҷавонию лаззати зиндагӣ, озодандешӣ ва ғайра дар шеъри худ матраҳ кардааст, сарчашмааш рубоиёти Умари Хайём мебошад. Ба таъбири дигар, обишхӯри шеъри Илё Абумозӣ рубоиёти шоири нишопурӣ будааст.

Боби сеюми диссертатсия ба «**Таҳлили муқоисавии андешаҳои Умари Хайём ва Илё Абумозӣ**» бахшида шуда, аз чор фасл иборат аст. Фасли аввали боби якум «**Муаммои ҳастӣ дар рубоиёти Умари Хайём ва ашъори Илё Абумозӣ**» ном гирифта, муҳаққиқ дар ин фасл ашъори шоири тоҷик ва арабро бо баъзе масъалаҳое, ки дар ҳаёти онҳо иттифоқ афтода, бо ҳам шабоҳат доранд, таҳлил намудааст. Дар ин фасл зикр шудааст, ки шароити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии замони Хайёму Илё тақозо намуд, ки барои раҳоӣ аз бархе фишорҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ ба маконҳои гуногун сафар кунанд. Муаллиф шабоҳат

доштани ашъори ду шоирро низ дар рӯ ба сафар ниҳодани онҳо мепиндорад.

Муаммои ҳастӣ дар андешаи Умари Хайём ва Илё Абумозӣ таҳлил гардида, зикр мегардад, ки хушбинии ин ду шоир аз чанд ҷанба бо ҳам шабоҳат доранд. Чунонки Умари Хайём ба баҳра гирифтан аз лаззатҳои дунявию иғтиноми фурсат таъкид дошта, Илё Абумозӣ низ бар ҳамин бовар аст. Дар дидгоҳи хушбинонаи Илё Абумозӣ ҳам метавон таъсири Умари Хайёмро дид (Диссертатсия, 105-106).

Дар фасли дуюми боб «**Гузарандагии олам ва арзишҳои ҳаёти инсонӣ дар рубоиёти Умари Хайём ва осори Илё Абумозӣ**» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Умари Хайём ва Илё Абумозӣ дар осори худ ба мафҳуми нопойдории дунё таъкид намуда, онро ба яке аз мавзуъҳои асосии шеъри худ қарор додаанд. Муаллиф шодмонӣ ва баҳра бурдан аз зиндагӣ ва ғанимат донистани умрро дар рубоиёти Умари Хайём ва Илё Абумозӣ таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки мавзуи ғанимат донистани умр дар рубоиёти Умари Хайём ва осори Илё Абумозӣ, муштаракоти зиёд дорад. Ғанимат донистани умр, чи тавре ки дар рубоиёти Умари Хайём маънидод шудааст, дар ашъори Илё Абумозӣ ҳамин маъно, вале бо сабки дигар баён шудааст (Диссертатсия, 122)

Муслиҳиддин Сайфуллоев дар фасли сеюм «**Хамр дар рубоиёти Умари Хайём ва Илё Абумозӣ**»-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, мавзуи хамрро ба таври алоҳида дар осори шоирон нозукбинона баррасӣ намудааст. Муаллиф дар ин фасл маънои хамрро маънидод намуда, дар ҷойи мувофиқ истифода намудани онро мувофиқи мақсади адибон моҳирона таҳлил намудааст.

Дар фасли чорум «**Озодандешӣ дар рубоияти Умари Хайём ва шеъри Илё Абумозӣ**» таҳқиқ шуда, муҳаққиқ ба таври ҷудогона хусусиятҳои озодандеширо дар осори адибон таҳлил намудааст. Озодандешӣ баҳри дарёфти ҳақиқати олам, ҳаёту зиндагӣ дур будан аз хурофотпарастӣ, лаззат бурдан аз зиндагӣ ва ғайра дар ашъори шоирон байн гаштааст. Муллиф бо таъсирпазирӣ аз ин мавзуъ дар натиҷа ба

чунин хулоса омадааст: «Ҳангоми мутолиоти ашъори ин шоирон маълум гашт, ки онҳо дар шеърҳояшон новобаста аз дину мазҳаби давронашон бо як ҷуръати хос зидди таассубкорони мазҳабӣ эҷодҳо намуданд. Бояд як нуктаро фаромӯш насозем, ки ҳар ду шоир дар ашъорашон озодандеш ҳастанд, ки ин дар ҳар як мисраи шеъри онҳо мушоҳида мешавад» (Диссертатсия, 149-150).

Муҳаққиқ зимни таҳқиқоти сомондодаи хеш дар интиҳои диссертатсия ба натиҷагирии комили илмӣ омадааст, ки падидаи мазкур боиси афзунии арзиши илмии таҳқиқ гардидааст. Ҳамин тариқ, аз назари доираи тадқиқ, тозакорию навоварӣ, методи таҳлил, арзиши илмӣ диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич комилан ҷавобгӯйи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар рисола якчанд норасоиҳои ҷузъииислоҳталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро меафзоянд:

1. Мавзуъбандии бобу зербобҳо, масъалагузориҳо, ҳалли масоил хуб баррасӣ гардидаанд, вале натиҷагириҳо ба таври хулоса на дар ҳар як зерфасл ҷамъбаст нагардидаанд. Агар ҳар як зерфасл бо хулоса ҷамъбаст гардад, ба манфиати кор мебуд.

2. Дар фасли сеюми боби сеюм, ки «Хамр дар рубоиёти Умари Хайём ва осори Илё Абумозӣ» унвон гирифтааст, масъалаи маргу зиндагӣ ҳам дар андешаҳои адибон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба назари мо хуб мебуд, масъалаи мазкур дар фасли дуюми боби сеюм таҳлил карда мешуд.

3. Аломатҳои китобат дар рубоиёти Умари Хайём пурра риоя гардида, аммо дар шеъри Илё Абумозӣ риоя нагардидаанд (с. 30, 31, 38, 41, 46-47). Ҳамчунин, баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо боиси афзудани кори илмӣ-таҳқиқотӣ хоҳад шуд (с. 18, 20, 21, 36, 45, 103, 106). Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ ҳусни диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо барои комил гардидани арзиши илмии таҳқиқ мусоидат менамоянд.

Хулоса, диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи **“Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём”** кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Сайфуллоев М.Ҳ. мухтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи номзадии Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи “Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём” ба талаботи бандҳои 31-37 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Номзади илми филология,
мудири кафедраи забони тоҷикӣ
ва ҳуҷҷатнигории Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Додихудоев Р.М.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯч. Маяковский/70
Тел: +992 918-26-44-56, E-mail: bestmuslim@mail.ru
«28» ноябри соли 2023

Имзои Р.М. Додихудоевро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.
«28» ноябри соли 2023

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯч. С. Носир 33.
Тел: +992(37) 224-17-86, 224-83-93
E-mail:info@apa. tj